# ДАЪВАТНОМА БАРОИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУН
(ДИО № 2959/3-854 аз 4 декабри соли 2017)

1. Бо мақсади қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти ташкилоти харидор – Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкатҳои алоқаи мобилӣ ва марказҳои хизматрасонии техникии мошинҳои назоратӣ – кассавиро ҷиҳати иштирок дар озмуни думарҳилавии хариди давлатӣ оид ба “Интихоби операторони асосӣ ва захиравии маълумоти фискалӣ барои расонидани хизматрасонии интиқоли додаҳо тавассути шабакаи криптографии ҳифзшуда” даъват менамояд.

2. Марҳилаи якуми озмун гузаронидани гуфтушунидҳоро бо пудратчиёни эҳтимолӣ ҷиҳати муайян намудани хусусиятҳои хоси супориши техникӣ ва аломатҳои сифатии таҷҳизоти таҳвилшавандаро дар назар дошта, барои ноил шудан ба мақоми тарафи эҳтимолии қарордоди харид пудратчиён то марҳилаи ниҳоии озмун бояд дараҷаи тахассусии худро ҷавобгӯй ба талаботҳои зерин мутобиқ гардонад:

- дoштани иҷозатномаи Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати интиқоли маълумот дар стандарти GSM 900/1800 ё бастани шартномаи ҳамкорӣ ҷиҳати расонидани хизматрасонии мазкур бо ширкатҳои алоқаи мобилӣ;
- доштани сертификати мутобиқат ба талаботи амнияти иттилоотӣ ҷиҳати ташаккули шабакаи криптографии ҳифзшудаи алоқаи мобилӣ, ки аз ҷониби Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад;
- минтақаи хизматрасонии алоқаи мобилии устувор, ки дар маҷмӯъ аз ҷониби операторони асосӣ ва захиравӣ расонида мешавад, бояд тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаро гирад.

3. Пудратчиёни эҳтимолӣ, ки хоҳиши иштирок дар озмун доранд, метавонанд бо изҳори манфиатдории хаттӣ ба Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеъ дар ш. Душанбе, кӯчаи Шота Руставелли, 22 муроҷиат намоянд ё тавассути почтаи электронӣ ба суроғаи info@zakupki.gov.tj мактуби дахлдорро ирсол намоянд.

4. Тавзеҳот оид ба расмиёти озмуни думарҳилавии хариди давлатӣ, талаботҳои муфассал нисбат ба предмети харид, инчунин талаботҳо оид ба тартиби барасмиятдарории маводҳои мутобиқатӣ ба иштирокчиён дар кофоронси пешазозмунӣ, ки дар бинои Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 декабри соли 2017 сати 10.00 баргузор мегардад, расонида мешаванд.

5. Зимни натиҷагирии кофоронси пешазозмунӣ Иштирокчиёни ҳавасманд пешниҳодоти техникии пешакии худро бидуни инъикоси арзиш то муҳлати 19 декабри соли 2017 соати 17.00 ба Агентӣ шахсан ё тавассути почтаи электронӣ бояд ирсол намоянд.

6. Баъд аз аз ҷониби ташкилоти харидор мушаххас намудани супориши техникӣ танҳо довталабоне, ки пешниҳодоти техникии пешакии худро қаблан ирсол намуда буданд, ба марҳилаи ниҳоии озмун даъват карда мешаванд.